# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ИСТЕҲСОЛОТИ ОРГАНИКӢ

бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 19 декабри соли 2024, № 1508

қабул шудааст бо қарори Маҷлиси
миллииМаҷлиси Олии Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2025, №
596ҷонибдорӣ шудааст

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии низоми истеҳсолоти органикиро муқаррар намуда, ба ташаккул ва таъмини устувории низоми агроэкологӣ равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **гардиши маҳсулоти органикӣ** – коркард, нигоҳдорӣ, тамғагузорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулоти органикӣ;

2) **истеҳсолоти органикӣ** – фаъолият оид ба истеҳсол ва (ё) коркарди маҳсулот ё ашёи хоми органикӣ, ки бо риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, миллӣ ва регламентҳои техникии дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ муқарраргардида амалӣ карда мешавад;

3) **маҳсулоти органикӣ** – маҳсулоте, ки аз растанӣ, аз ҷумла ашёи хоми растаниҳои худрӯй, инчунин чорво, паранда, занбӯри асал ва моҳӣ мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, миллӣ ва регламентҳои техникӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ истеҳсол карда мешавад;

4) **регламенти техникии истеҳсолоти органикӣ** – санади меъёрии техникие, ки талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста ба бехатарии маҳсулоти органикӣ дар ҷараёни истеҳсол, коркард, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ муқаррар мекунад;

5) **низоми агроэкологӣ** – низоми аз тарафи субъектҳои хоҷагидор истифодашаванда, ки дар он мувозинаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва баргардондани унсурҳои таркибии он барои гардиши моддаҳои маъданию органикӣ таъмин карда мешавад;

6) **стандарти истеҳсолоти органикӣ** – қоида, дастур ва (ё) тавсифҳо, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ дахл доранд;

7) **субъекти хоҷагидор дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ** – соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқие, ки истеҳсол ва гардиши маҳсулоти органикиро амалӣ менамояд;

8) **тамғаи молии маҳсулоти органикӣ** - аломате, ки дар шакли чопӣ ё графикӣ дар рӯйи борҷомаи маҳсулоти органикӣ тасвир ёфта, бо мақсади нишон додани ҷойи истеҳсол ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ ё миллӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ ҷавобгӯй будани маҳсулоти органикӣ гузошта мешавад;

9) **усули гидропонӣ** – тарзи парвариши растанӣ дар муҳити сунъӣ, бе истифодаи хок, ки дар он ғизо дар шакли маҳлул мустақиман ба реша дода мешавад.

## Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти органикӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти органикӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

## Моддаи 3. Мақсадҳои низоми истеҳсолоти органикӣ

Мақсадҳои низоми истеҳсолоти органикӣ аз инҳо иборатанд:

1) нигоҳдории гуногунии биологӣ ва агробиологӣ;

2) баланд бардоштани фаъолнокии биологии хок бо мақсади нигоҳ доштани ҳосилхезии он барои давраи дарозмуҳлат;

3) истифодаи такрории партовҳои олами наботот ва ҳайвонот бо мақсади ба хок баргардондани моддаҳои ғизодиҳанда ва кам кардани истифодаи захираҳои барқарорнашаванда;

4) истифодаи захираҳои барқароршаванда дар низоми хоҷагидорӣ дар маҳал;

5) мусоидат ба ҳифзи хок, об ва ҳавои атмосфера, инчунин кам кардани ҳамаи намудҳои ифлосшавӣ дар натиҷаи фаъолияти кишоварзӣ;

6) коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади дар ҳамаи марҳилаҳо нигоҳ доштани яклухтии органикӣ ва хусусиятҳои ҳаётан муҳимми он;

7) ҳифзи саломатии аҳолӣ.

## Моддаи 4. Принсипҳои истеҳсолоти органикӣ

Ба принсипҳои истеҳсолоти органикӣ мансубанд:

1) риояи мувозинати экологии табиат ва барқарор намудани захираҳои он;

2) ҷорӣ намудани усулҳои самарабахши истифодаи захираҳои табиии барқарорнашаванда, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва агробиологӣ;

3) ихтиёрӣ будани фаъолият дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

4) нигоҳ доштани ҳосилхезии хок, ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва саломатии аҳолӣ;

5) баланд бардоштани самаранокӣ ва маҳсулнокии истеҳсолоти кишоварзӣ бе расондани зарар ба табиат ва саломатии аҳолӣ.

### Моддаи 5. Самтҳои асосии истеҳсолоти органикӣ

Ба самтҳои асосии истеҳсолоти органикӣ мансубанд:

1) растанипарварии органикӣ;

2) чорводории органикӣ;

3) парандапарварии органикӣ;

4) занбӯриасалпарварии органикӣ;

5) моҳипарварии органикӣ;

6) истифодаи маҳсулоти органикӣ аз ашёи хоми растаниҳои худрӯй;

7) коркарди органикии ашёи хоми органикӣ.

### Моддаи 6. Шартҳои истифодаи растаниҳои худрӯй ва меваи онҳо дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ

1. Растаниҳои худрӯй ва меваҳои онҳо, инчунин набототи худрӯйи дигар бо мақсади истифода дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ бояд бе расондани зарар ба низоми экологӣ ҷамъоварӣ карда шаванд.

2. Барои истифодаи растаниҳои худрӯй ва меваи онҳо дар ҳудуди ҷангал ва чарогоҳҳо бояд қитъаҳое интихоб карда шаванд, ки бо моддаҳои кимиёвӣ коркард нашуда бошанд.

## БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛОТИ ОРГАНИКӢ

### Моддаи 7. Вазифаҳои танзими давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ

Вазифаҳои танзими давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1) таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

2) банақшагирии стратегӣ ва танзими асосҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

3) мониторинги фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) амалӣ намудани тадбирҳои истифодаи роҳҳои муносиби коркарди хок, усулҳои агротехникии муосир, таъсиррасонии камтарин ба таркиби хок, воридкунии моддаҳои ғизоӣ тибқи стандартҳои миллӣ ва роҳ надодан ба сахтшавии хок дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

5) амалӣ намудани тадбирҳои муҳофизати растаниҳо дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

6) назорати риояи талаботи бехатарии биологӣ, карантини растаниҳо ва тадбирҳои беҳдошти байторӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

7) ба роҳ мондани сертификатсияи экологии маҳсулоти органикӣ, арзёбии равандҳои технологии истеҳсол ва коркарди он ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф кардани зарар ба муҳити зист, ҳамчунин таъмини амнияти экологӣ;

8) назорати риояи талаботи стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, миллӣ ва регламентҳои техникӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

9) амалӣ намудани ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ.

## Моддаи 8. Танзими раванди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар истеҳсоли маҳсулоти органикӣ

1. Субъектҳои хоҷагидоре, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ машғул мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи давлатии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ ба қайд гирифта мешаванд.

2. Субъектҳои хоҷагидор зимни бақайдгирӣ маълумоти зеринро пешниҳод менамоянд:

1) ном ва нишонии субъекти хоҷагидор;

2) маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва биноҳое, ки дар онҳо фаъолияти истеҳсолӣ ба роҳ монда мешавад;

3) хусусияти амалиёти истеҳсолӣ ва хосияти маҳсулоти органикӣ.

## Моддаи 9. Талабот барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ

Истеҳсоли маҳсулоти органикӣ дар асоси талаботи зерин ба роҳ монда мешавад:

1) алоҳида ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти органикӣ аз маҳсулоти истеҳсолшаванда, ки ба истеҳсолоти органикӣ тааллуқ надоранд;

2) манъи истифодаи агрокимиёҳо, пеститсидҳо, антибиотикҳо, ба истиснои онҳое, ки дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ ё миллӣ дар истеҳсоли маҳсулоти органикӣ иҷозат дода шудаанд;

3) манъи истифодаи пайвандсозии ҷанин, усулҳои ба таври сунъӣ гирифтани клони организмҳо, ҳуҷайра ё молекулаҳо, организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирдодашуда, инчунин маҳсулоти бо усулҳои муосири биотехнология ҳосил кардашуда;

4) манъи истифодаи нумӯяҳои афзоиш ва маҳсулнокии ҳайвонот, воситаҳои гормондор;

5) манъи истифодаи растаниҳои бо усули гидропонӣ рӯёндашуда;

6) манъи истифодаи афканишоти ионофар барои коркарди маҳсулоти хӯроквории органикӣ ё хӯроки ҳайвоноти кишоварзӣ, инчунин ашёи хом барои тайёр кардани маҳсулоти хӯрокворӣ ё хӯроки ҳайвоноти кишоварзӣ;

7) истифодаи воситаҳои биологии мубориза бар зидди организмҳои карантинию зараррасон, касалиҳои растанӣ ва бемориҳои ҳайвонот;

8) амалисозии чораҳо барои пешгирии талафёбии растанӣ ё маҳсулоти он аз организмҳои зараррасон, ки ба муҳофизат аз зараррасонҳо, интихоби намуд, навъи растанӣ, киштгардон, усулҳои парвариши растаниҳо ва тарзи коркарди маҳсулоти органикӣ асос меёбанд;

9) интихоби зот ё намуди ҳайвоноти кишоварзӣ бо назардошти қобилияти мутобиқшавӣ ва устуворӣ ба касалиҳо, муҳайё сохтани шароит барои нигоҳдории саломатии ҳайвоноти кишоварзӣ, барқароршавии табиӣ, таъмини нишондиҳандаҳои санитарию беҳдоштӣ ва байторӣ;

10) истифодаи ғизои иловагӣ, воситаҳои ёрирасони технологӣ, хушбӯйкунанда, қувватфизои таъм, дорувории ферментӣ, микроэлементҳо, витаминҳо, аминокислотаҳои бо стандартҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ ё миллии дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ пешбинишуда;

11) истифодаи микроорганизмҳои биологӣ, аз ҷумла барои коркарди маҳсулоти ғизоӣ истифодашаванда, амалисозии чораҳои муҳофизатии маҳсулоти ҳайвонот аз вайроншавии микробиологӣ, ки ба таъсири мутақобилаи микроорганизмҳо дар муҳити табиӣ асос ёфтаанд;

12) манъи омезиши маҳсулоти органикӣ ба маҳсулоти бо тарзи маъмулӣ истеҳсолшуда дар раванди нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулоти органикӣ;

13) манъи истифодаи банду баст, зарфҳои истеъмолӣ ва нақлиётии ба ифлосшавии маҳсулоти органикӣ ва муҳити зист мусоидаткунанда, аз ҷумла банду басти полимерӣ, зарфҳои истеъмолӣ ва нақлиётӣ.

## БОБИ 3. ТАМҒАГУЗОРӢ, ВОРИДОТ ВА СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ ОРГАНИКӢ

### Моддаи 10. Тамғагузории маҳсулоти органикӣ

1. Тамғагузории маҳсулоти органикӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Тамғаи борҷома ё ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маҳсулоти органикӣ бояд дорои чунин маълумот бошанд:

1) ном ва суроғаи истеҳсолкунанда ё корхонаи коркарди маҳсулоти органикӣ;

2) номи маҳсулот бо зикри усули истифодашудаи истеҳсолоти органикӣ;

3) дарҷи ном ва тамғаи молии маҳсулоти органикӣ;

4) шартҳои нигоҳдории маҳсулоти органикӣ ва мухлати мувофиқатии он;

5) ишора дар бораи тартиби нигоҳ доштани маҳсулоти органикӣ бо маҳсулоти дигар.

3. Субъектҳои хоҷагидор, ки маҳсулоти органикиро истеҳсол менамоянд, ҳуқуқи истифодаи тамғаи молии мувофиқати маҳсулоти органикиро доранд.

4. Истифодаи ҳамаи намуди аломат, аз ҷумла аломатҳои дар тамғаҳои тиҷоратӣ истифодашаванда, инчунин услубҳои тамғагузорӣ ва рекламаи маҳсулоти органикӣ ё ҷузъиёти аз он истеҳсолшуда, ки метавонанд истеъмолкунандаро ба иштибоҳ оранд, манъ мебошад.

## Моддаи 11. Воридот ва содироти маҳсулоти органикӣ

Воридот ва содироти маҳсулоти органикӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.

# БОБИ 4. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ОРГАНИКӢ ВА ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТӢ

## Моддаи 12. Дастгирии давлатии рушди истеҳсолоти органикӣ

1. Рушди истеҳсолоти органикӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешавад.

2. Дастгирии давлатии соҳаи истеҳсолоти органикӣ бо роҳҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) ҷалби сармоя барои пешбурди соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

2) мусоидат ба амалисозии чорабиниҳо оид ба ҳосилхезгардонӣ, беҳтар намудани ҳолати беҳдоштӣ ва ҳифзи заминҳо;

3) рушди инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла маҳсулоти органикӣ;

4) таъмини дастрасии иттилоот оид ба ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти органикӣ;

5) ташкили таҳқиқоти илмӣ оид ба рушди истеҳсолоти органикӣ, услуб, тарз ва технологияҳои инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти органикӣ;

6) роҳҳои дигари дастгирӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

## Моддаи 13. Шаффоф ва ошкоро будани иттилоот дар бораи истеҳсолоти органикӣ

1. Иттилоот дар бораи истеҳсолоти органикӣ шаффоф ва ошкоро мебошанд.

2. Ба иттилоот дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ, ки дастрасии тарафҳои манфиатдор ба онҳо озод мебошад, маълумоти зерин дохил мешаванд:

1) дар бораи тадбирҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ;

2) дар бораи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ, номгӯй ва ҳаҷми маҳсулоти органикӣ;

3) оид ба субъектҳои дигари дар рушди истеҳсолоти органикӣ иштироккунанда.

# БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 14. Ҳалли баҳсҳо дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ

Баҳсҳо дар соҳаи истеҳсолоти органикӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

### Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 16. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагидорӣ ва истеҳсолоти биологӣ» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 529; с. 2019, №4-5, мод. 220) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 17. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 11 феврали соли 2025, № 2141